## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № 13

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 19.09.2023, № 1

Барои сазовор донистани Махкамова Чамангул Абдуғафоровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзуи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимоя 04 июли соли 2023 (протоколи № 5.2) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, таҳти № 268/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Махкамова Чамангул Абдуғафоровна омӯзгори кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, 08-уми июли соли 1986 дар ноҳияи Бохтар (ҳоло Кӯшониён)-и вилояти Хатлон, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик оиладор, соҳиби 2 фарзанд мебошад.

Махкамова Чамангул Абдуғафоровна соли 2003 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 28-и ноҳияи Кӯшониён (собиқ ноҳияи Бохтар)-ро хатм намуда, худи ҳамон сол ба факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси менеҷмент дохил мегардад.

Соли 2008 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусравро бо ихтисоси “менеҷмент” хатм намуда, аз соли 2008 то ин ҷониб ба сифати омӯзгори кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии донишгоҳи зикргардида фаъолият карда истодааст. Ҳамзамон аз соли 2019 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба таҳқиқоти диссертатсионии худ машгул шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Насиров Раҳимбек** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назарияи иқтисод, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шодиев К. Қ. навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисод (аз 28 августи соли 2023, протоколи № 1) баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ,

дотсент, декани факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ғафуров Ғ.С. имзо гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳокимбек Абдуалим санаи 28 августи соли 2023 суратҷаласаи №1 тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзуи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 3,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Махкамова Ч.А. Гурӯҳбандии омилҳои ташкили истифодабарии самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч. А. Махкамова //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2020.- № 1/4 (80), қ.2. - С. 180-186.

[2-М]. Махкамова Ч.А. Методические подходы к оценкам эффективности использования производственного потенциала сельскохозяйственных предприятий. [Текст] /Ч.А. Махкамова //Вестник Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. -Бохтар. -2019.-№1/4(68). - С. 251-255.

[3-М]. Махкамова Ч.А. Моҳияти иқтисодии захираҳои истеҳсолӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч.А. Махкамова //Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.- Душанбе. - 2021.-№ 2(68).- С.65-69.

[4-М]. Махкамова Ч.А. Муносибати низомӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч.А. Махкамова //Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе.- 2021.-№ 3 (27).- С.130-39.

[5-М]. Махкамова Ч.А. Современное состояние рационального использования производственных ресурсов в сельскохозяйственных предприятиях. [Текст] /Ч.А. Махкамова //Земледелец. ТАУ. -Душанбе. -2021. - № 1 (90). - С. 210-215.

[6-М]. Махкамова Ч.А. Арзёбии ҳолати истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар иқтисодиёти аграрии вилояти Хатлон. [Матн] / А.Б.Мирсаидов, Ч.А. Махкамова // Ахбори Академияи миллии Тоҷикистон. Душанбе. - 2022.- № 2 (267). - С. 111-118.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар ба табъ расидаанд:**

[7-М]. Махкамова Ч.А. Тахминаи Бурихон. Саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ омили асосии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон).

[Матн] / Ч.А. Махкамова, Тахминаи Б. // Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ). Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 22-23 апрели соли 2022. - С. 322-329.

[8-М]. Махкамова Ч.А. Нақши индустриализатсияи кишоварзӣ дар баланд бардоштани самаранокии захираҳои истеҳсолӣ [Матн] / Ч.А. Махкамова // Рушди соҳаи сайёҳӣ, имкониятҳо ва дурнамо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи вилоятии илмӣ-амалӣ). Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – ш. Бохтар, 20 апрели соли 2022. - С. 32-36.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**Раҳматзода Ҳ.Б.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссия-Тоҷикистон чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Агар таҳлили муқоисавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон бо корхонаҳои кишоварзии минтақаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешуд, сифати кори илмӣ боз ҳам баландтар мегардид.

2. Номгӯйи корҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мусоидат менамоянд, агар ба таври мушаххас дар намуди схемаи ягона пешниҳод мегардид, беҳтар мешуд.

**Шокиров Р.С.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон чунин эрод пешниҳод кардааст:

1. Дар қисмати «Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо» аз тарафи муаллиф оид ба эътимоднокии онҳо тавсияҳои мушаххастар пешниҳод нагардидаанд.

2. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар автореферати диссертатсия ақидаҳои шахсии худро оиди роҳҳои мукаммалгардонии методҳои ташкили

истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ мушаххастар баён менамуд.

**Қудратзода П.Қ.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Данғара чунин эродҳо пешниҳод кардааст:

1. Агар таҷрибаи корхонаҳои кишоварзии давлатҳои хориҷӣ низ оид ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ истифода бурда мешуд, аз аҳамият холӣ набуд.

2. Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маблағи муайяни пулиро талаб мекунад. Лекин масъалаи сармоягузориҳо дар ин самт кам таҳқиқ карда шудааст.

**Комилов Н.Б.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин камбудиҳо пешниҳод намудааст:

1.Муаллиф бо мақсади муайян кардани манбаъҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳоро таҳия намуда, вазифаҳои онро шарҳ додааст. Лекин унсурҳои калидӣ ва методикаи ҷустуҷӯйи манбаъҳо мушаххас намебошад.

2.Дар замони муосир масъалаҳои таъминоти институсионалии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ низ нақши муҳим дорад. Агар ин масъала васеътар таҳқиқ мегардид, сифати кори илмӣ беҳтар мешуд,

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ** – асарҳои олимон-иқтисодшиносон, ки ба масъалаҳои истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудаанд, ҳисоботи илмии пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмиву таҳсилотии мамлакат, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот;

**Методҳои гуногуни** – методҳои умумиилмӣ, ба монанди методи абстраксияи илмӣ, диалектикӣ, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ ва ғ. асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар кори мазкур методҳои таҳлили системавӣ, назарияи идоракунии оптималӣ, коркард ва интиқоли иттилоот, методи таҳлили сохторӣ, институтсионалӣ, стратегӣ ва ғ. истифода шудааст.

**Дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди асосҳои назариявӣ ва методии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НИОЗИ) ва тавсияҳои амалӣ доир ба мукаммалгардонии методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шудаанд:

- Доир ба моҳияти захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот, ки бевосита ё бавосита дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ зарур мебошанд, муқаррароти муаллифӣ бароварда шудааст; мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ ва идоракунии оқилона (ҳамчун раванди дарккардашуда), ташаккули сохтори захираҳои истеҳсолӣ ва мувофиқати хирадмандонаи онҳо, ки тавассути баъзе қоидаҳои додашуда ва ҳадафи

корхона муқаррарсозии афзалиятро қонеъ мегардонад, **муайян карда шудаанд**.

- Таснифу гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаҳои миёни онҳо (алоқаҳои сабабӣ-натиҷавӣ), ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асосноккардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбанд, бароварда шудааст; доир ба ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ҳамчун маҷмуи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ, ки вазифаҳо ва имкониятҳои худро бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ амалӣ месозанд, таҳияи принсипҳои асосии интихоби қоидаҳои методӣ ва усулҳои арзёбӣ, ки ба таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат менамояд, **таснифоти муаллифӣ дода шудааст**.

- **Бори аввал** ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, умуман номгӯи корҳое, ки бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муносибати бевосита доранд, аз рӯйи самтҳо ва меъёрҳои зерин арзёбӣ карда шудааст: қисм ба қисм ҷудокунӣ ва гурӯҳбандии номгӯйи корҳо ва равандҳое, ки бо низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ алоқаманд мебошанд; пуррагии вазифа ва корҳои дар самти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ТИОЗИ) иҷрошаванда; таъсиррасонии коллективӣ ва ҳамкориҳои муштараки иштирокчиёни раванди истеҳсолот дар низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо.

- **Исбот карда шудааст**, ки дар миёни манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ манбаъҳои ташкилӣ, ки ба ҳамаи унсурҳои низоми идоракунӣ тааллуқ доранд, нақши калидӣ дошта, дарёфту истифодаи онҳо бо маблағи камтарин самаранокии фаъолияти истеҳсолиро баланд мебардоранд; дар натиҷаи мукаммалгардонии тадбирҳои агротехнологӣ, риояи принсипҳои ташкили истеҳсолот, беҳтар кардани таъминоти моддӣ-техникӣ, ташкили илмии меҳнат, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва ғ. барои арзёбии манбаъҳо ва сарчашмаҳои захираҳои истифоданашудаи истеҳсолӣ

методҳои ҳисоби коҳиши зарари зироатҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудаанд.

- Роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама зарурати таъсиси низоми махсуси маҷмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору зернизомҳои он асоснок карда шудаанд.

- Асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ҳамчун самтҳои рушди усулҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ), ки бо роҳи коркард ва амалӣ намудани маҷмуи барномаҳои мақсаднок (сафарбарии захираҳо барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа, ки имконият медиҳад муҳлати вақти ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас коҳиш дода шавад) ба ҳалли проблемаҳо мусоидат менамоянд, коркард карда шудаанд.

**Дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон** таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни масоили методҳои истифодаи оқилонаи захираҳо ё омилҳои истеҳсолот, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокӣ ва истифодаи онҳо аз тарафи олимони тоҷик Ашуров И.А., Қаюмов Н.К., Каримова М.Т., Қудратов Р.Р., Давлатзода К.К., Мадаминов А.А., Мирсаидов А.Б., Рауфӣ А., Раҳимов Р.К., Раҳимзода Ш.М., Хоналиев Н., Пиризода Ҷ.С., Раҳматзода Ҳ.Б., Садридинов С., Саидмуродзода Л.Ҳ., Тағоев Ҷ.Ҳ., Шарипов З.Р. ва дигарон ба мушоҳида мерасанд. Аммо, олимони номбаршуда ҷиҳатҳои алоҳидаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро таҳқиқ кардаанд. Дар аксари таҳқиқотҳои олимони ватанӣ миёни мафҳумҳои истифодаи «оқилона» ва «самаранок»-и захираҳо фарқгузорӣ нашудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва такмили методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ иборат мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ метавонанд дар раванди идоракунии ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуҳлат ва миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ истифода бурда шаванд.

Муқаррароти асосии диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ҳамчунин таҳияи курсҳои лексия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои «Ташкили истеҳсолот», «Менеҷменти истеҳсолӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Назарияи иқтисодӣ», «Танзими давлатии иқтисодиёт» ва ғайраҳо истифода намуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

- асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷиро дар соҳаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва лоиҳаҳои онҳоро эҷодкорона истифода бурдааст;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи тадқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ,

сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф, асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона доир ба мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, алгоритми раванди баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, истифода бурдани муносибати барномаи мақсаднок дар ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

- натиҷаҳои назариявӣ-методологие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

- муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, инчунин дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

- мукаррароти асосии диссертатсия дар 8 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми 3,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла, 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 017 аз 19 сентябри соли 2023 қарори сазовор донистани Махкамова Чамангул Абдуғафоровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Бобоев К.О.

«19» сентябри 2023